Дар ҳолати ҳозир будани таъом ва барои касе, ки аз баромадани пешоб ва наҷосат пешгирӣ мекунад, намоз нест

Аз Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Ман Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Дар ҳолати ҳозир будани таъом ва барои касе, ки аз баромадани пешоб ва наҷосат пешгирӣ мекунад, намоз нест".
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар вақти ҳозир будани таъом, ки (шахси гурусна) дилаш ба он майл мекунад, намоз гузоштанро наҳйи кардааст. Ва ҳамчунин аз намоз хондан дар ҳолати фишори ду нопокӣ - пешоб ва наҷосат - наҳйи кардааст. Зеро дар ин ҳолат (шахси намозгузор) машғули пешгирӣ кардан аз он ду аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3088